# Ҳадиси «Ман шаҳри илм ҳастам ва Алӣ дари он аст»

## حديث "أنا مدينة العلم وعَلِيٌّ بابها"

< Тоҷикӣ - Tajik – الطاجيكية >

Таҳия ва тарҷума: Муҳаммадазиз Раҷабӣ

إعداد و ترجمة: محمد عزيز رجب

## Ҳадиси «Ман шаҳри илм ҳастам ва Алӣ дари он аст»

Яке аз он ривоятҳое ки аҳли ташайюъ зиёд нашр мекунанду мардумро найранг карданӣ мешаванд, ҳамин ҳадиси «Шаҳри илм» аст.

Ва дар навиштор аз ду ҷиҳат ин ривоятро баррасӣ кардаву заъиф будани онро аз лиҳози санад ва ботил будани онро аз ҷиҳати маъно баён хоҳам кард. Ва ин навиштор мухтасари мақолаву рисолаҳоест бо забони арабӣ, ки тарҷума кардаам.

Ва дар умум барои дӯстони азиз тавсия мекунам китоби «Аҳодисун яҳтаҷҷу биҳо аш-шиа»-и шайх Абдураҳмони Димашқиро ки бисёр муфид аст.

1. Аввалан:

Баррасии ин ривоят аз лиҳози санад:

1. Мадори санади ин ҳадис бар Абус-Салт ҳаст.

Ин аст, назари уламо ва аиммаи ҳадис дар бораи Абус-Салт:

а) Имом Ибни Ҳаббон дар «Маҷруҳин» (2/151) мегӯяд:

كل من حدث بهذا المتن فإنما سرقه من أبي الصلت هذا؛ وإن أقلب إسناده.

«Касе ки ин матнро ривоят кардааст, аз ҳамон Абус-Салт дуздидааст, агарчанде ки санадро дигар карда бошад».

б) Ибни Асокир дар «Торих»-аш (42/380) мегӯяд:

كل هذه الروايات غير محفوظة، وهذا الحديث يُعرف بأبي الصلت عبد السلام بن صالح الهروي.

«Тамоми ин ривоят (тариқҳои ин ҳадис) ғайримаҳфузанд, ва ин ҳадис маъруф аз номи АбуСалт Абдуссалом ибни Солеҳи ҳаравист».

в) Ҳайсамӣ дар «Маҷмаъуззавоид» (9/114) мегӯяд:

وقال الهيثمي في مجمع الزوائد (9/ 114): فيه عبد السلام بن صالح الهروي، وهو ضعيف.

«Дар ин ривоят Абдуссалом ибни Солеҳи Ҳаравӣ ҳаст, ва ӯ заъиф аст».

г) Имом Заҳабӣ дар «ТазкиратулҲуффоз» (4/1231) мегӯяд:

هذا الحديث غير صحيح، وأبو الصلت هو عبد السلام متهم.

«Ин ҳадис саҳеҳ нест, ва Абус-Салт ҳамон Абдуссалом аст, ки муттаҳам аст».

д) Ва дар охир каломи имом Аҳмадро меорам, ки мегӯяд:

فقال أحمد: قبح الله أبا الصلت، ذاك ذكر عن عبد الرزاق حديثا ليس له أصل.

«Аллоҳ қабиҳ кунад (хор кунад) Абус-Салтро, ҳамоне ҳаст, ки аз Абдураззоқ ҳадисе зикр мекунад ки асл надорад».

Нигар «Илал»-и Халлол (120).

2. Дар нуктаи аввал сухан дар бораи худи АбусСалт буд.

Ва дар нуктаи дуввум, дар бораи худи ин ҳадис, каломи имомони ҳадисро меорам:

а) Имом АбуЗуръаи Розӣ дар «Зуъафо» (1/519) мегӯяд:

كم من خلق قد افتضحوا فيه!

«Чӣ басо инсонҳо ба сababи ин ҳадис шармандаву расво шудаанд».

б) Имом АбуҲотими Розӣ дар «Ҷарҳ» (8\22) мегӯяд:

إنه منكر.

«Мункар аст».

в) Суютӣ дар «Дурар» (38) ва Ъаҷлунӣ дар «Кашфул-хафо» (1/235) қавли АбуҲотими Розиро нақл мекунанд:

لا أصل له

«Асле надорад».

г) Ибни Ҳаббон дар «Маҷруҳин» (2/94) меорад:

هذا خبر لا أصل له عن النبي صلى الله عليه وسلم، ولا شريك حدّث به، ولا سلمة بن كهيل رواه، ولا الصنابحي أسنده، ولعل هذا الشيخ بلغه حديث أبي الصلت عن أبي معاوية فحفظه ثم أقلبه على شريك وحدّث بهذا الإسناد.

«Ин хабар асле надорад аз Паёмбар (салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод), ва Шарик онро нагуфтааст, ва Салама ибни Куҳайл онро ривоят накардааст, ва на Санобаҳӣ онро муснад карда…».

д) Ъаҷлунӣ дар «Кашфул-хафо» (1/236), дар бораи тамоми ривоятҳои ин ҳадис гуфтааст:

«Воҳӣ аст (сусту заъиф аст)».

е) Ҳамчунин ин ҳадисро Имом Ибни Ҷавзӣ дар «Мавзуъот» (1/353 ва 355) меорад:

هذا حديث لا يصح من جميع الوجوه...

«Ин ҳадис саҳеҳ нест аз тамоми вуҷуҳ…».

Сипас иллатҳои туруқи ин ҳадисро зикр кардаву мегӯяд:

والحديث لا أصل له.

«Ва ин ҳадис асле надорад».

*) Ва Сироҷ ибни Алӣ ибни Умари Қазвинӣ дар тахриҷи ҳадисҳои «Мишкотулмасобиҳ» (3/1774 ва 1777) ин ҳадисро ҳукм кардааст, ки мавзуъ (бофта ҳаст).

*) Имом Наввавӣ дар «Таҳзибул-Асмои вал-Луғот» (1/348) мегӯяд:

وأما الحديث المروي عن الصنابحي عن علي، قال: قال رسول الله صلى الله عليه وسلم: «أنا دار الحكمة و علي بابها»، وفي رواية: «أنا مدينة العلم وعلي بابها» فحديث باطل.

«Аммо ҳадисе ки аз Санобаҳӣ аз Алӣ ривоят шудааст, ки Паёмбар (салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтааст: «Ман дорул-ҳикмат ҳастаму Алӣ дари он аст», ва дар ривояте «Ман шаҳри илм ҳастаму Алӣ дари он аст», ин ҳадиси ботил аст».

*) Имом ибни Дақиқи Ъид дар «Шарҳул-Илмом» мегӯяд:

الحديث لم يُثبتوه، وقيل إنه باطل، وقال الترمذي: حديث منكر.

«Ин ҳадисро исбот (қабул) накардаанд, гӯянд ки ботил аст, ва Тирмизӣ гуфтааст: Ҳадиси мункар аст».

*) ШайхулИслом АбдулҲалим Ибни Таймия дар «Минҳоҷус-сунна» (7/515-522), ва «Маҷмуъул-фатово» (4/410) мегӯяд:

إنما يُعد في الموضوعات.

«Ин ҳадис аз ривоятҳои сохташуда (дурӯғ) ҳисобида мешавад».

Ва муаррихи Ислом, имом Заҳабӣ ин ҳукми ШайхулИсломро дар «Мунтақо минал-Минҳоҷ» таъйид кардааст.

*) Ва худи имом Заҳабӣ дар «Торихи Ислом» (18/268) мегӯяд:

الحديث موضوع، ما رواه الأعمش.

«Ин ҳадис сохташуда ҳаст, ва Аъмаш онро ривоят накардааст».

Ва дар «Талхисул-Мавзуъот» (256) мегӯяд:

هذا الحديث شُبِّه لبعض المحدّثين السُّذَّج؛ فإنه موضوع، وله طرق كثيرة.. وجميع طرقه مطعون فيها.

«Ин ҳадис бар баъзе аз муҳадисини содда мубҳам шуд, ва мавзуъ (сохташуда) ҳаст. Ва ин ҳадис туруқи ривояти зиёд дорад, ва тамоми туруқи он матъун аст (айбе дорад)».

*) Ҳайсамӣ дар «Маҷмаъуз-завоид» (9/114) мегӯяд:

فيه عبد السلام بن صالح الهروي، وهو ضعيف.

«Дар санади ин ҳадис Абдуссалом ибни Солиҳи Ҳаравӣ (АбусСалт) ҳаст, ва ӯ заъиф мебошад».

*) Муҳаддиси ҳинд Шоҳ Абдулазиз фарзанди Валийюллоҳи деҳлавӣ дар «Туҳфатул-исноашария», ки бо забони форсист мегӯяд:

این خبر نیز مطعون است: قال يحيي ابن معين: لا اصل له، و قال البخاري: انه منكر و ليس له وجه صحيح، و قال الترمذي: إنه منكر غريب، و ذكره ابن الجوزي في الموضوعات، و قال الشيخ تقي الدين ابن دقيق العيد: هذا الحديث لم يثبتوه، و قال الشيخ محي الدين النووي و الحافظ شمس الدين الذهبي و الشيخ شمس الدين الجزري: إنه موضوع.

«Ин хабар (хабари панҷум аз Ҷобир, ривояти «Шаҳри илм») низ матъун аст…».

Ва сипас каломи аҳли илмро дар ҳукми ин ҳадис меорад, аз ҷумла Имом Бухориву Ибни Маъин ва Тирмизӣ ва Ибни Ҷавзӣ ва Нававиву Заҳабӣ ва ғайраҳо…

Ва баъдан дар мавриди истидлоли шиъа барои имомати Алӣ бо чунин ривояти сохта, мисоле навкари подшоҳро мезанад, ки подшоҳ ин навкарро рондааст ва мақбули даргоҳи шоҳӣ нест, ва муъомила бо ин навкар ба гумону боварии онки навкари шоҳ аст, ҳамоқат аст:

این ساده لوح نزد عقلا در کمال مرتبه سفاهت خواهد بود.

«Ин содалавҳ назди уқало дар камоли мартабаи сафоҳат хоҳад буд».

Ва дар охир қоидаи азимеро баён мекунад:

اگر روايات اهل سنت را اعتباري است در هر جا اعتبار بايد كرد و الا قصد الزام ايشان نبايد نمود كه به يك روايت لازم نمي خورند.

«Агар ривоёти аҳли суннатро эътиборе ҳаст, дар ҳарҷо эътибор бояд кард, ва илло қасди илзомашон набояд намуд, ки ба як ривоят лозим намехӯранд».

*) Ва ҳамчунин аллома Муъалламӣ дар «Ҳошиятул-Фавоидил-Маҷмуъа» (349), ва Абдулазиз ибни Боз дар «ат-Туҳфатул-карима» (19), ва имом Албонӣ дар «Силсилаи заъифа» (2955), ва АбдулҚодир Арноут дар тахриҷоти «Ҷомиъул-усул» (8/657) ин ривоятро радд кардаанд. Ва шайх Халифа Каворӣ баҳси алоҳидае дар тахриҷи ин ҳадис навиштааст, ки бисёр муфид аст.

2. Сонияи:

Баррасии ин ривоят аз лиҳози матн ва маъно.

АбуБакр ибни ал-Арабии моликӣ гӯяд:

هُوَ حَدِيثٌ بَاطِلٌ، النَّبِيُّ — صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ — مَدِينَةُ عِلْمٍ وَأَبْوَابُهَا أَصْحَابُهَا؛ وَمِنْهُمْ الْبَابُ الْمُنْفَسِحُ، وَمِنْهُمْ الْمُتَوَسِّطُ عَلَى قَدْرِ مَنَازِلِهِمْ فِي الْعُلُومِ

«Ҳадиси ботил аст, зеро ки Паёмбар (салому дуруди Аллоҳ бар ӯ ва олу асҳобаш бод) шаҳри илм асту дарҳои он ёронаш ҳастанд (дар маҷмуъ); баъзе аз онҳо дарест кушоду фарох, ва баъзеи он миёна ҳаст ба қадри мартабаашон дар улум». (Аҳкомул-Қуръон, 3/86).

Ва Шайхул-Ислом ибни Таймия гӯяд:

وَالْكَذِبُ يُعْرَفُ مِنْ نَفْسِ مَتْنِهِ ؛ لَا يَحْتَاجُ إلَى النَّظَرِ فِي إسْنَادِهِ : فَإِنَّ النَّبِيَّ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ إذَا كَانَ مَدِينَةَ الْعِلْمِ ، لَمْ يَكُنْ لِهَذِهِ الْمَدِينَةِ إلَّا بَابٌ وَاحِدٌ ، وَلَا يَجُوزُ أَنْ يَكُونَ الْمُبَلِّغُ عَنْهُ وَاحِدًا ؛ بَلْ يَجِبُ أَنْ يَكُونَ الْمُبَلِّغُ عَنْهُ أَهْلَ التَّوَاتُرِ الَّذِينَ يَحْصُلُ الْعِلْمُ بِخَبَرِهِمْ لِلْغَائِبِ ، وَرِوَايَةُ الْوَاحِدِ لَا تُفِيدُ الْعِلْمَ إلَّا مَعَ قَرَائِنَ ، وَتِلْكَ الْقَرَائِنُ إمَّا أَنْ تَكُونَ مُنْتَفِيَةً ، وَإِمَّا أَنْ تَكُونَ خَفِيَّةً عَنْ كَثِيرٍ مِنْ النَّاسِ ، أَوْ أَكْثَرِهِمْ ؛ فَلَا يَحْصُلُ لَهُمْ الْعِلْمُ بِالْقُرْآنِ وَالسُّنَّةِ الْمُتَوَاتِرَةِ ؛ بِخِلَافِ النَّقْلِ الْمُتَوَاتِرِ: الَّذِي يَحْصُلُ بِهِ الْعِلْمُ لِلْخَاصِّ وَالْعَامِّ.

وَهَذَا الْحَدِيثُ إنَّمَا افْتَرَاهُ زِنْدِيقٌ أَوْ جَاهِلٌ: ظَنَّهُ مَدْحًا؛ وَهُوَ مُطَرِّقُ الزَّنَادِقَةِ إلَى الْقَدْحِ فِي عِلْمِ الدِّينِ — إذْ لَمْ يُبَلِّغْهُ إلَّا وَاحِدٌ مِنْ الصَّحَابَةِ.

ثُمَّ إنَّ هَذَا خِلَافُ الْمَعْلُومِ بِالتَّوَاتُرِ؛ فَإِنَّ جَمِيعَ مَدَائِنِ الْمُسْلِمِينَ : بَلَغَهُمْ الْعِلْمُ عَنْ رَسُولِ اللَّهِ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَسَلَّمَ مِنْ غَيْرِ طَرِيقِ عَلِيٍّ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُ.

«Дурӯғ будани ин ривоят аз ҳамон матнаш ҳувайдост, ва ҳоҷате нест ба назар кардан ба санади он.

Зеро ки агар Паёмбар (салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) шаҳри илм бошад, чунин нест, ки ин шаҳр танҳо як дарвоза дошта бошад, ва ҷоиз нест ки мубаллиғ аз ҷониби Паёмбар танҳо як нафар бошад (дар ин сурат амри ислом табоҳ мешавад).

Балки воҷиб аст, ки мубаллиғон аҳли тавотур (силсилае аз мубаллиғон бо ададри зиёд) бошанд, то ки илму хабар ба василаи эшон ба афроди ғоиб ҳам бирасад…

Ин ҳадис бофтаи шахсе зиндиқу ҷоҳил аст, ки гумон кардааст мадҳу санои Алӣ ҳаст, ва ҳамин аст равиши занодиқа дар таън бар ахбори дини Ислом! Зеро ки мунтаҳои ин ривоят ин аст, ки фақат як нафар ин динро таблиғ кардааст!

Илова бар ин, ин иддаъо (яъне иддаъои онки дарвозаи илм танҳо Алӣ ҳаст) бар хилофи он чизе ҳаст, ки бо тавотур собит шудааст. Зеро ки аксари сарзаминҳои исломӣ дини муҳаммадиро аз тариқи афроде ғайри тариқи Алӣ (Аллоҳ аз ӯ розӣ бод) гирифтаанд».

(Маҷмуъул-фатово, 4/410-411, Минҳоҷус-Сунна, фасли 159).

IslamHouse.com